«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино
д.и.т., профессор
_____________Гулзода М.Қ.
«___»_____________ соли 2017

# НИЗОМНОМАИ
## Маркази рушди стратегӣ ва менеҷменти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино

### I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур фаъолияти Маркази рушди стратегӣ ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро (минбаъд – Марказ) ба танзим даровarда, мақсад, вазифаҳо, ӯҳдадориҳо, сохтор, ҳуқуқ ва тартиботи ҳамкорӣ бо дигар сохторҳоро муайян месозад.

1.2. Марказ воҳиди сохтори мустақили ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба ҳисоб рафта, бо мақсади таҳия ва амалисозии стратегияи рушди донишгоҳ, барнома ва нақшаҳои стратегӣ баҳри самаранок ва натиҷабахш гардонидани фаъолияти донишгоҳ, инчунин таҳия ва ташаккули системаи менеҷменти сифат таъсис дода шудааст.

1.3. Фаъолияти Марказ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои олии касбиро ба танзимдароваранда, «Оиннома» ва қарорҳои Шӯрои олимони ДДТТ ба номи Абӯали ибни Сино, инчунин Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

1.4. Марказ ба зерсохтори муовинати илм ва нашрия дохил мешавад.

1.5. Марказро директори он роҳбарӣ намуда, бо фармони ректор таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

1.6. Марказ аз воҳидҳои кории директор (1 воҳиди корӣ) ва мутахассис (2 воҳиди корӣ) иборат мебошад.

1.7. Барои самаранок ба роҳ мондани фаъолият Марказ бо ҳуҷраи корӣ, таҷҳизоти техникӣ, мебелӣ ва маводҳои зарурии консолярӣ таъмин карда мешавад.

1.8. Тағйиру иловаҳо ба бандҳои Низомномаи мазкур, воҳидҳои корӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии он бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ амалӣ карда мешавад.

## II. Вазифаҳои асосии Марказ

1.9. Вазифаҳои асосии Марказ:

- таҳия ва амалисозии нақшаҳои стратегии донишгоҳӣ, барномаҳои рушди самтҳои фаъолият донишгоҳ вобаста ба амалӣ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф, илм ва тандурустии ҷумҳурӣ;
- мониторинги иҷрои нақшаи чорабиниҳои стратегияи рушд ва барномаҳои донишгоҳ;
- иштирок дар таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии сохторҳои донишгоҳ бо назардошти иҷроиши вазифаҳои стратегӣ ва рисолати донишгоҳ;
- таҳия ва татбиқи принсипҳои системаи менеҷменти сифат тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар фаъолияти сохторҳои донишгоҳ (ИСО 9001);
- таҳлили муфассал ва асосноки фаъолияти пурраи донишгоҳӣ дар асоси маълумотҳои санҷидашуда ва истифодаи он дар таҳияи дурнамои рушди донишгоҳ;

## III. Самтҳои асосии фаъолияти Марказ

1.10. Бо истифодаи усули банакшагирии стратегӣ таҳиясозии барнома ва нақшаҳои рушд баҳри расидан ба ҳадафҳои донишгоҳ ва мукаммал намудани механизми идоракунии фаъолият;

1.11. Таҳия ва ҷорӣ намудани механизми идоракунии босифат дар донишгоҳ баҳри таъмини фаъолияти натиҷабахш ва самаранок;

1.12. Омодасозии донишгоҳ барои гузаронидани аттестатсияи давлатӣ ва байналмилалӣ, дарёфти сертификати мутобиқати сифат.

## IV. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Марказ

1.13. Ҳуқуқҳои Марказ дар шахсияти директори Марказ ифода мегардад, ки дар доираи салоҳияти вазифавии худ вобаста ба иҷрои вазифаҳои Марказ ба роҳ монда мешавад.

1.14. Марказ дар доираи Қонунҳои амалкунанда ва Оинномаи донишгоҳ ва низомномаи мазкур ҳуқуқ дорад:

- аз сохторҳои донишгоҳӣ вобаста ба самти фаъолияти Марказ маълумоти заруриро талаб намояд;
- оид ба иҷроиши Барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои стратегии донишгоҳӣ ва иҷрои Қарори Шӯрои олимони донишгоҳ, фармоиш ва супоришҳои ректор, ки ба самти фаъолияти Марказ вобастаанд, аз сохторҳои донишгоҳӣ маълумот талаб намояд;
- дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии сохторҳои донишгоҳӣ иштирок намояд;
- директори Марказ дар Шӯрои олимон ва ҷаласаҳои раёсати донишгоҳ дар доираи салоҳияти худ ва самти фаъолияти Марказ мустақилона андешаронӣ ва пешниҳод намояд;

1.15. Директори Марказ уҳдадор аст:

- сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд ва ба арзишҳои миллӣ эҳтиром гузорад;
- қарорҳои Шӯрои олимон, раёсат, фармоиш ва супоришҳои ректори донишгоҳро саривақт иҷро намояд;
- иҷроиши пурраи Барномаҳо ва нақшаҳое, ки ба Марказ вобаста аст амалӣ гардонад;
- вазифаҳои худро саривақт, босифат ва софдилона иҷро кунад;
- кормандонашро бо дастуамали вазифавӣ таъмин намуда, фаъолияти онҳоро назорат намояд;
- дар чорабиниҳои сиёсӣ ва фарҳангии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намояд;

## V. Ҳамкориҳои Марказ

1.16. Марказ ҳамкории мутақобилан судмандро бо ҳамаи сохторҳои донишгоҳӣ ба роҳ монда, дар доираи салоҳияти худ муносибатҳои кориро ба роҳ мемонад.

1.17. Дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, бо ташкилотҳои ватаниву хориҷӣ дар мувофиқа бо ректор ҳамкорӣ менамояд.

МУВОФИҚА КАРДА ШУД:

Ҳуқуқшиноси донишгоҳ Саидов Ҷ.З.